# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-081 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» оид ба диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона – омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, ки тибқи қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24.01.2025 протоколи №2 дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Муҳидинов С.Р. (раис), номзади илмҳои таърих, и.в. дотсент Мамадазимова М.М., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Махсудзода Ф.М. интихоб шудааст, мутобиқи талаботи бандҳои 56-60-уми Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 57-60-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо – қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудаанд, диссертатсияи Зафари Шарифро дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона – омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» мавриди омӯзишу санҷиш ва баррасӣ қарор дода, ба хулосаи зерин омад:

1. Истифодаи самарабахши натиҷаҳои илм, аз ҷумла дар самти таҳқиқот вобаста ба татбиқи равандҳои инноватсионӣ омили рушди устувор барои ҳар як давлат маҳсуб меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани самтҳои афзалиятнок ҷиҳати табдил додани илми ватанӣ ба омили рушди иҷтимоии иқтисодӣ ва маънавии кишвар, таъмини рақобатпазирии иқтисодиёт ва амнияти миллии давлат тибқи авлавиятҳои стратегии дарозмуддати мамлакат роҳандозӣ мегардад. Зеро асноди стратегӣ барои таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини рушди якҷояи илму технология ва инноватсияҳо заминаи муҳим ба шумор меравад. Аз ҳамин нуктаи назар таҳқиқоти анҷомдодаи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона – омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои расидан ҳадафҳои асосии «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 263 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мусоидат мекунад. Зеро китобхонаҳо ба сифати яке аз ниҳодҳои асосии иттилоърасони ҷомеа тавассути таъмини дастраси олимону

мутахассисони ватанӣ ба иттилооти нави илмӣ ва илмию техникӣ ба пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа кӯмак мерасонанд. Имрӯз тамоми соҳаҳои иқтисодӣ миллӣ маҳз ба ҳамин гуна иттилоот беш аз пеш ниёз доранд ва пешрафти ҳар кадом мутаносиб ба ҳаҷми воридоти иттилооти нав мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар таҳқиқоти мазкур ба талаботи ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ки роҳи инноватсионии рушдро интихоб кардааст, мутобиқ мебошад.

2. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии Зафари Шариф, вазифаҳои он, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосие, ки диссертант дар таҳқиқоти худ барои ҳимоя пешниҳод кардааст, бешак барои рушди китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати фарогирии хизматрасонии китобдорию иттилоотӣ ба аҳолии кишвар нуфузи бештар доранд, мусоидат мекунад.

3. Эътимоднокии асосии методологӣ ва назариявии таҳқиқот дар тарҳрезии мантиқии сохтори диссертатсия, дуруст муайян кардани мақсаду вазифа, объекту предмети таҳқиқот, ҷараёни таҳлили назариявии мавзуъ, истифодаи дурусту мақсадноки методҳои пажуҳиш, ташкилу баргузорӣ ва натиҷагирии озмоиши эмпирикӣ, ки фарзияи таҳқиқотро тасдиқ намудааст, ҳамзамон таҳлилу хулосаҳои диссертант баръало зоҳир мегардад. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва навгонии илмии таҳқиқот саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дар ҷараёни пажуҳиши мавзуъ собит менамоянд.

4. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаву тавсияхои пешниҳодкардаи муаллиф вобаста ба татбиқи амалии онҳо дорои арзиши баланди назариявию амалӣ буда, барои ба самти инноватсионӣ ворид намудани китобхонаҳои Тоҷикистон ва ташаккули низоми нави таъмини илмию методӣ ва инноватсионии фаъолияти онҳо, ташаккул ва рушди неруи инноватсионии китобдорони мамлакат, бунёди инфрасохтори инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ ёрӣ мерасонад, ки ин бори дигар имкони васеъ ва ба таври мукаммал дар амалияи китобдории ҷумҳурӣ ҷорӣ намудани онҳоро собит менамояд.

5. Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) ва Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд, комилан мувофиқ мебошад.

6. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 18 мақолаи интишорнамудаи диссертант, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як дастури таълимӣ, ки дар ҳаммуаллифӣ таълиф шудааст, инъикос ёфта, ба

мазмуну мундариҷаи он робитаи мустақим доранд. Шумораи таълифоти диссертант ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

7. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 162 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

8. Тамоми адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва сарчашмаҳо тавассути иқтибос ба расмият даровarда шуда, талаботи стандарт дар ин самт риоя карда шудааст.

9. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ, матни диссертатсия ва автореферати он ба талаботи банди 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон№ 267 аз 30.06.2021 ва тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 295 аз 26.06.2023 мувофиқат мекунад.

10. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Зафари Шариф, маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

11. Диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона – омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) кори таҳқиқотии анҷомёфта буда, мустақилона иҷро карда шудааст ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ пешниҳод менамояд:

**1.** Диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона – омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

**2.** Барои арзёбии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба сифати муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин тавсия дода шаванд:

- **Сукиасян Гагик Арамович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи осорхонашиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Арманистон ба номи Х. Абовян.

- **Абдумуминзода Ситора** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи магистратура, докторантура PhD ва унвонҷӯёни Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**3.** Ба сифати муассисаи пешбари диссертатсияи мазкур **Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилооти** Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**4.** Барои нашру паҳнамоии диссертатсия ва автореферати он, инчунин, гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**5.** Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол намудани он ба суроғаи тайиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих,
профессор, муовини раиси
Шурои диссертатсионӣ Муҳидинов С. Р.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Махсудзода Ф. М.

номзади илмҳои таърих, и.в.
дотсент, аъзои
Шурои диссертатсионӣ Мамадазимова М. М.

« » _______________ соли 2025

Имзоҳои С.Р. Мухидинов, Ф.М. Махсудзода ва М.М. Мамадазимоваро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ «ДДФСТ номи
Мирзо Турсунзода» Ҳомидова Заррина Ҳабибовна

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ:** 734032, ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 73[а].
МДТ «ДДФСТ номи Мирзо Турсунзода».
Тел.: +992 372 2311827
Сомона: www.ddst.tj